**ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ**
**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК: 378 (575.3)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МУХАКОВ МАНУЧЕҲР АМИРХОНОВИЧ**

# МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛИШАВИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТ**
барои дарёфти унвони илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи
ихтисоси 08.00.13 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ

**Душанбе – 2023**

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст

**Роҳбари илмӣ:**

**Қодирзода Диловар Баҳридин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Саидова Мунавар Ҳамидовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи кори бонкии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”.

**Муассисаи пешбар:**

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионии **6Д. КОА-004** дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи «30» сентябри соли 2023, соати 11:00 баргузор мегардад. Суроға: 734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8, e-mail: shamsov1976@mail.ru**,** телефони котиби илмӣ: (+992) 918788938.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии донишгоҳ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» _____________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Шамсов И.С**

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти мавзуи диссертатсия.** Рушди устувори бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳкиму пешбурди иқтисоди кишвар, ки ба озодкунии тиҷорати хориҷӣ ва ҳамгирой ба иқтисодиёти ҷаҳон равона карда шуда, байналмилаликунонии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар алоқаманд аст. Таҳкими ҳамгироии бозори хизматрасонии таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти модели ташаккулёбандаи рушди он дар бозори ҷаҳонии хизматрасонии таҳсилотӣ яке аз омилҳои мубрами пешрафти рӯзафзуни равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар буда, ба баландравии дараҷаи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар хориҷи кишвар ва болоравии нуфузу эътибори он мусоидат хоҳад намуд. Ҳамзамон, дар бозори муосири ҷаҳонӣ раванди ташаккул ва рушди гурӯҳҳои таҳсилотии минтақавӣ ба назар мерасад, ки зарурати ба онҳо пайвастани муассисаҳои таҳсилоти олии моро бо назардошти ҳифзи манфиатҳои субъектҳои бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва истеъмолкунандагони он баррасӣ мегардад. Моделҳои муосири рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба низоми мубодилаи дониш тариқи таҳарруки омӯзишии донишҷӯён ва устодон асос мегирад, ки масъалаи рушди содирот ва воридоти хизматрасониҳои таҳсилотиро дар кишвар ба миён мегузорад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани иқтидори муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ба мукаммалгардонии ҳайати кадрии онҳо, болоравии самаранокии низоми идоракунии сифати на танҳо хизматрасониҳои таҳсилотии пешниҳодшаванда, балки хизматрасониҳои вобастаи таҳсилот, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии пешсафи ҷаҳон ва ғайра асос мегирад. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: “Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад”[1]. Ҳамин тавр байналмилалишавии фаъолияти макотиби олии Ҷмуҳурии Тоҷикистон раванди объективӣ ва мунтазам рушдкунанда мебошад, ки дар баробари муаррифии арзишҳои иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар сарчашмаи муҳими воридоти асъори хориҷӣ, технологияи нав ба кишвар буда, омили муҳими рушди иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, мукаммалгардонии механизми иқтисодии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назардошти тамоюлҳои бавуқуъоянда ҷузъи муҳими сиёсати омодакунии кадрҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, таъминсозии рақобатпазирии муассисаҳои олии кишвар мебошад. Ҳамаи ин муҳиму мубрам будании мавзуи илмӣ-таҳқиқотиро муайян менамояд.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 21.12.2021. – Душанбе: 2021.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқи байналмилалишавии бозори хизмат дар умум ва хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар алоҳидагӣ ҳамеша дар маркази диққати олимони иқтисоддони ватанӣ ва хориҷӣ буд. Назарияҳои асосии байналмилалишавиии бозори хизматрасонӣ ва рушди гурӯҳҳои ҳамгироӣ дар ин самт дар корҳои намояндагони назарияи иқтисодии классикӣ, кейнсианӣ ва институтсионалӣ нисбатан пурра инъикос ёфтааст.

Дар рушди масъалаҳои назарияи байналмилалишавии бозори хизматрасониҳо донишмандони зерини хориҷӣ: Грегор А.Д., Лехтинен У., Серисто Х., Седерквист М., Вагнер М., Вахштайн Б.С., Верденхоф О.Р., Галичин В.А., Ганчеренок И., Джаим Е.А. ва ғ. саҳм гузоштанд.

Масъалаҳои байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ аз тарафи чунин олимони рус: Акулшина А.В., Алексанков А.М., Арсенев Д.Г., Диброва М.И., Димитрова С.И., Дмитриев Н.М., Елкина А.С., Железов Б.В., Зверев Н.И., Зорников Н., Климанович О., Климов И.С., Косевич А.В., Кузнетсова С. В., Кузмич Н.И., Ларионова М.В., Мешкова Т.А., Миронов В.В., Недзелская А.Б., Неровня Т.Н., Овезова У.А., Петрова М.М., Рожков Н.Н., Рижкова Л.А., Стрижов А.М., Сутурин С.Ф, Филиппова В.М., Филиппова М.Ю., Чинаева Т.И., Чистохвалова В.Н., Шишков Ю.В., Шукин Д.В. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқи ҷанбаҳои амалнамоӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилотии ҷаҳонӣ ва мушкилоти равандҳои байналмилалишавии фаъолияти макотиби олии Тоҷикистон саҳми олимони зерини ватанӣ: Абдураҳмонов У.М., Алифбеков З., Асроров И.А., Афғонов М.М., Базарова С.Ш., Бобоев Х.Ш., Ғаниев Т.Б., Ҷумъаев Б.М., Кабутов М., Катаев А.Х., Қаюмов Н.Қ., Қодирзода Д.Б., Қодирова З., Комилов С.Дж., Лутфуллоев М., Раҳимов Р.К., Раҳмонов А.А., Рауфӣ А., Раҷабов Р.К., Рашидов А., Саидова М., Содикзода Х.С., Табаров О., Усманова Т.Ҷ., Ҳамидова С. ва дигаронро низ қайд кардан арзанда аст.

Саҳми назарраси корҳои зикршударо дар назария ва амалияи байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ таъкид карда, бояд қайд намоем, ки мушкилоти баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои олии кишвар дар раванди байналмилалишавӣ ва дар ин росто рушдёбии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳоло ба таври нокифоя таҳқиқ шудааст. Аз он ҷумла, мушкилотеро аз қабили: такмили механизми байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилотӣ; таъмини рақобатпазирии муассисаҳои олии кишвар дар шароити озодкунии бозори хизмат дар кишвар;_истифодаи нисбатан самараноки таҷрибаи давлатҳои пешрафта оид ба байналмилаликунонии рушди хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва ғайраҳоро зикр кардан мумкин аст, ки то ҳол пурра омӯхта нашудаанд. Ғайр аз ин, дар асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ масъалаҳои барои арзёбии самаранокии рушди ҳамкориҳои байналмилалии дар кишвар мубрам баррасӣ мешаванд, аммо муассисаҳои олии кишвар бо назардошти хусусиятҳои низоми муассисаҳои олии Тоҷикистон хеле кам вомехӯранд. Дар умум, корҳои илмии мавҷуда бештар ба ташаккулёбӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ бахшида шуда, масъалаҳои байналмилалишавии онро дар бар намегиранд ва шароитҳои густаришёбандаро роҷеъ ба ҷаҳонишавии ин бозор инъикос наменамоянд.

Муҳиммият ва саривақтӣ будани мушкилоти зикршуда, зарурати афзояндаи ҳалли онҳо дар сатҳи назариявию методӣ ва амалӣ интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян карда, гузориши ҳадаф ва мақсадҳои диссертатсияро асоснок кардааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзӯҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бо барномаҳои давлатии "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" ва инчунин нақшаи илмӣ-тадқиқотии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ аз таҳия ва асосноккунии зарурати мукаммалгардонии механизми иқтисодии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Расидан ба мақсади мазкур гузориш ва ҳалли вазифаҳои зерини таҳқиқотро талаб менамояд:

- муайянкунии моҳияти байналмилалишавӣ ҳамчун раванди объективии ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ;
- таҳқиқи усулҳои танзими содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;
- баҳодиҳии вазъи кунунӣ ва тамоюли байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили вазъи муосир, тамоюл ва иқтидори истифоданашудаи рушди гардиши тиҷорати хориҷии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ошкорсозии самтҳои стратегии байналмилалишавии фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд;
- асоснок намудани роҳҳои мукаммалгардонии механизми иқтисодии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** низоми таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъектҳои асосии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ маҳсуб меёбанд.

**Мавзуъ (предмет) -и таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимоию иқтисодие мебошанд, ки дар раванди мукаммалгардонии механизми иқтисодии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** - байналмилаликунонии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар асоси ҳамгироӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот дараҷаи рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олиро дар бозори ҷаҳонӣ баланд бардошта, барои мутобиқати савияи донишу малакаи хатмкунандагони макотиби олӣ ба тақозои зудтағйирёбандаи бозори меҳнати ҷаҳонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот -** таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классикии илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла, олимони рус дар соҳаи рушди бозори хизматрасонии таҳсилотӣ ва байналмилалисозии он ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии диссертатсия** дар истифодабарии мантиқи расмӣ ва муносибати комил асос ёфтааст. Дар диссертатсия чунин усулҳо ва услубҳо, монанди: дарки илмӣ, гурӯҳбандӣ, баҳодиҳии экспертии сифат, баҳодиҳии миқдорӣ, таҳлили қиёсӣ ва синтез, амсиласозии математикӣ бо истифодабарии барномаҳои компютерӣ барои тартибдиҳии пешгӯиҳо истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати иттилооти аввалия маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин барномаҳои дигари давлатӣ, маҳаллӣ ва соҳавӣ оид ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ истифода бурда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз асосноксозии назариявии роҳҳои мукаммалгардонии механизми иқтисодии байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун ҷараёни объективии ҳамгироии муассисаҳои олии кишвар ба муҳити таҳсилотии ҷаҳонӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ доир ба баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳоянд:

- моҳият ва хусусиятҳои байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ҳамчун раванди объективии ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба муҳити таҳсилотии ҷаҳонӣ дақиқ карда шуда, шаклҳо, омилҳо, марҳилаҳои байналмилалишавӣ ошкор карда шудаанд, равишҳои анъанавӣ, ба салоҳиятноки равонакардашуда ва стратегии байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ шарҳ дода шудаанд;
- усулҳои танзими содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дақиқ карда шуда, нақши давлат дар раванди таҳкими байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ҳифзи арзишҳои миллию фарҳангӣ дар раванди ҷаҳонишавии таҳсилот, мукаммалгардонии сохтори бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ ва инноватсионии ҷамъият ошкор карда шудааст. Бартариятҳои геоиқтисодӣ, моддӣ-молиявӣ ва стратегии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҷудо карда шудаанд;
- вазъи муосир ва тамоюли байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шуда, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҷараёни таҳсилот дар мамлакат, озодкунии фазои таҳсилот ва вусъатдиҳии раванди ҳамгироии он ба бозорҳои ҷаҳонии таҳсилот ошкор карда шудааст. Ихтилофҳо дар самти байналмилалишавии

муассисаҳои таҳсилоти олӣ ошкор карда шуда, нишондиҳандаҳои муқарраркунандаи мавқеи муассисаҳои таҳсилотӣ ва дараҷаи рақобатпазирии онҳо дар хориҷа шарҳ дода шудаанд;

➢ хусусиятҳои хоси рушди тиҷорати хориҷии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилот дар самти муҳоҷирати таҳсилотӣ ошкор карда шудааст. Собит карда шудааст, ки дурнамои рушди содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи назаррас ба сифати пешкашкунии чунин хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ва мувофиқати малакаҳои касбии хатмкунандагон ба талаботи бозори муосири меҳнат алоқаманд аст. Роҳҳои таҳкими раванди байналмилалишавии муассисаҳои таҳсилоти олӣ бавоситаи гузаштан аз акредитатсияи байналмилалӣ ва ташкили чорабиниҳои маркетингиву намоишгоҳӣ дар хориҷа пешниҳод карда шудаанд;

➢ самтҳои стратегии байналмилалишавии фаъолияти пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд, гузариш ба низоми болонӣ ва ғарбикунонии таҳсилоти олӣ тариқи васеъ гардонидани муҳоҷирати омӯзишии субъектони ҷараёни таҳсилот, рушди франчайзинги таҳсилотӣ, гузариш ба стандартҳои байналмилалии сифати хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ ва ғ. асоснок карда шудаанд;

➢ роҳҳои мукаммалгардонии механизми иқтисодии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар асоси ҷоннок намудани дастгирии давлатии раванди байналмилалишавии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо назардошти вусъатёбии ҳамгироии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ пешниҳод карда шуда, тавсияҳои методӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳо таҳия гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар асоси натиҷаҳои бадастомада дар рафти таҳқиқот барои ҳимоя муқарраротҳи зерин пешниҳод карда мешаванд:

➢ моҳият ва хусусиятҳои байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун раванди объективии ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо муҳити таълимии ҷаҳонӣ дақиқ карда шудаанд;

➢ усулҳои танзими содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дақиқ карда шуда, нақши давлат дар раванди таҳкими байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ошкор карда шудааст;

➢ вазъи муосир ва тамоюли байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шуда, мухолифатҳо дар ин самт ошкор карда шудаанд;

➢ хусусиятҳои хоси рушди тиҷорати хориҷии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилот дар самти муҳоҷирати таҳсилотӣ ошкор карда шудааast;

➢ самтҳои стратегии байналмилалишавии фаъолияти пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд асоснок карда шудаанд;

- роҳҳои мукаммалгардонии механизми иқтисодии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ дар асоси тақвияти аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфтани раванди байналмилалишавии фаъолияти макотиби олии кишвар пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомада барои баландбардории рақобатпазирии муассисаҳои олии кишвар дар шароити аъзошавӣ ба созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф амалӣ хоҳанд гашт. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки рушди содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар кишвар ҳавасманд гардонида шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқотро муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва мақомоти танзимкунандаи соҳа метавонанд дар фаъолияташон ҳангоми асосноккунии сиёсати танзими соҳа, ҳамчунин мониторинги фаъолияти байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода баранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми калони иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба унвонҷӯ имконият додааст, то таҳлили амиқи коркард ва идоракунии механизми байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотиро анҷом диҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳон мувофиқат дорад: 1. Хоҷагии умумиҷаҳонӣ, сохтори он, қонуниятҳо ва тамоюлҳои муосири инкишоф он. 4. Интернатсионализатсияи ҳаёти хоҷагидорӣ. Ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ, омилҳо, марҳилаҳо, самтҳо ва шаклҳои он. Баҳамтаъсиррасонии ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодӣ. 17. Бозори ҷаҳонии молу хадамот: тамоюли инкишоф, сохтори соҳавӣ ва ширкатӣ. Ташкил ва техникаи тиҷорати байналхалқӣ. 18. Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналхалқӣ. Ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналхалқӣ. Шакл ва усулҳои рақобат дар бахшҳои алоҳидаи бозори ҷаҳонӣ. 28. Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Хусусиятҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо. 29. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналмиллалии меҳнат. Ташаккул ва дурнамои инкишофи иқтидори содиротӣ ва эҳтиёҷоти воридотии иқтисодиёти Тоҷикистон. Имкониятҳои беҳтарсозии махсусгардонии истеҳсолии байналмиллалии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаб**. Тадқиқоти диссертатсионӣ мустақиман аз тарафи муаллиф сурат гирифтааст. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст. Нақши байналмилалишавӣ дар болоравии рақобатпазирии хизматрасониҳои таҳсилотӣ муайян карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, байниминтақавӣ, байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, конфронсҳои илмӣ-амалӣ, илмӣ-методии солҳои 2018–2023 гузориш ва муҳокима шудаанд.

Коркардҳои илмии диссертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Савдои

байналмилалии хизмат» ва «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ» истифода бурда шуданд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ ва дар Шурои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмӣ, ки 3,25 ҷ.ч., ташкил медиҳад, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷалаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 175 саҳифаи компютерӣ чоп карда шуда, дорои 17 ҷадвал ва 5 расм мебошад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотӣ, сатҳи омӯзиши масъалаҳо, муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии бадастомада мухтасар инъикос ёфтаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ»** асосҳои назариявии шарҳи мафҳуми байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ баррасӣ гардида, усулҳои танзими содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқ ва таҷрибаи хориҷии байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилотӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Таҳқиқот нишон дод, ки баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ феълан яке аз самтҳои афзалиятноки муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар аксари мамлакатҳо ба шумор меравад. Рушди иқтисодӣ-иҷтимоии бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба дараҷаи назаррас ба самаранокии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва талоши онҳо дар самти байналмилалишавӣ асос меёбад. Дурнамои рушди содироти хизматрасониҳои таҳсилотии байналмилалӣ ба дараҷаи назаррас ба сифати чунин хизматрасониҳо ва бартарияти рақобатии эҷодшудаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ алоқаманд аст. Аз ин нуқтаи назар, сиёсати дар соҳаи маориф таҳияшуда дар самти байналмилаликунонии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун кафили нигоҳдории обрӯю эътибори муассисаи таҳсилоти олӣ, вазъи молиявии он дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳарруки донишҷӯён ба хориҷи мамлакат баромад менамояд.

Дар диссертатсия дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои консептуалии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ нуктаи назари олимон оид ба таркиби он ҷамъоварӣ карда шуда, моҳияти байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ, аломатҳои байналмилалишавии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ, омилҳо ва равишҳои таҳқиқи раванди байналмилалишавии фаъолияти муассисаҳои олии мамлакат ошкор карда шудааст. Аз тарафи муаллиф равишҳои анъанавӣ, ба салоҳиятнокӣ равонакардашуда ва стратегии байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ муқаррар шудааст.

Ҷамъбасткунии таҳқиқотҳои хориҷию ватанӣ дар соҳаи рушди байналмилалишавии фаъолияти таълимии муассисаи олии таҳсилотӣ ба муаллифи диссертатсия имкон дод, ки таснифи байналмилалишавии фаъолияти таҳсилотӣ манзур карда шавад (ниг.: ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1. - Таснифи байналмилалишавии фаъолияти таълимии муассисаи олии таҳсилотӣ***

| Оид ба самтҳои байналмилалишавӣ | Оид ба объектҳои байналмилалишавӣ | |
|---|---|---|
| | Мустақим | Ғайримустақим |
| Ба бозори дохилӣ нигаронидашуда | Ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ, муҳаққиқон ва омӯзгорон барои таълим, дарсдиҳӣ ва фаъолияти илмӣ | Истифодаи адабиёти хориҷӣ дар ҷараёни таълим ва дар доираи пажӯҳиши илмии муассисаи олии таҳсилотӣ |
| Ба бозори беруна нигаронидашуда | Коромӯзии устодон ва донишҷӯён дар хориҷа | Чоп ва истифодаи асарҳои илмии кормандон ва донишҷӯёни муассисаи олии таҳсилотӣ дар хориҷа |
| Ду ё бисёрсамта (дар бахши ҳамкорӣ) | Табодули байниҳамдигарии устодон, донишҷӯён ва муҳаққиқон | Табодули байниҳамдигарии маводҳои дарсӣ ва илмӣ |

****Сарчашма:*** таҳияи муаллиф дар асоси Климанович, О. Концептуально-терминологический аспект проблемы интернационализации высшего образования // Alma Mater: Вестник высшее образование. - 2001.- №1.- С. 10–13.

Аз тарафи муаллиф омилҳои байналмилалишавии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Васеъгардии фарогирии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, навҷорисозии технологӣ дар соҳаи маориф, сифати дониши аз тарафи муассисаҳои олии мамлакат пешниҳодшаванда, рушди таҳсилоти фарҳангӣ, ва таълимоти ба гуногунфикрии динӣ алоқаманд, ҷаҳонишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ҳамчунин ташаккулёбии самараи синергиявӣ дар ин бозор ҳамчун омилҳои пешбарандаи байналмилалишавии фаъолияти макотиби олӣ арзёбӣ карда шудаанд.

Дар диссертатсия нақши давлат дар таҳкими равандҳои байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ ошкор карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои дахолати давлат ба раванди байналмилалишавии фаъолияти макотиби олӣ дақиқ намуда шуда, хусусиятҳои пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар доираи СКСХ асоснок карда шудааст.

Қайд карда мешавад, ки таъмини сифат ва кафолати нигоҳдории он дар сатҳи баланд ҳадафҳои муҳимтарини дахолати давлат ба раванди байналмиллаликунонии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба шумор меравад. Муаллиф бо дарназардошти хусусиятҳои хизматрасонии таҳсилотӣ, назорати оқилонаи давлатии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олиро бо далели ҳифзи арзишҳои фарҳангию миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва байналмиллалишавӣ асоснок намудааст. Зеро давлат тавассути танзими давлатии раванди байналмилалишавӣ на танҳо сохтори бозори хизматрасониҳои соҳаи маорифро такмил медиҳад, балки муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ ва инноватсионии ҷомеаро ҳал менамояд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф таҷрибаи кишварҳои ғарбӣ доир ба содироти таҳсилот, ки ба иқтисодиёт даромади назаррас овардааст, таҳлил шудааст. Ба ақидаи муаллиф имрӯзҳо дар харитаи ҷаҳонии муҳоҷирати

донишҷӯён ба таври шартӣ марказҳои асосии зерин муайян гардидааст: ин пеш аз ҳама, мактабҳои олидараҷаи Аврупои Ғарбӣ, инчунин маркази таърихан ҷавонтари минтақаи Укёнуси Ором мебошанд.

Тибқи омори байналмилалӣ, даромади бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои таҳсилотӣ беш аз 40 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Таҳлил нишон дод, ки ИМА тақрибан 14 млрд. доллари ИМА, Британияи Кабир 5,7 млрд. фунт стерлинг, Австралия 3,6 млрд. Доллари ИМА, Русия 70 млн. доллар даромад мегирад. Таҳлил нишон дод, ки дар мамлакат ҳар кадар бештар ба маориф харҷ карда шавад, ҳаҷми даромади онҳо аз байналмилалигардонии фаъолияти донишгоҳҳо ҳамон кадар зиёд мешавад. Чунин алоқамандӣ махсусан барои ИМА хос аст, ки дар он хароҷот дар соҳаи маориф 5,38 % ММД ва дар Британияи Кабир 5,73 % ММД-ро ташкил медиҳад. Ин рақамҳо ҳамчунин барои Фаронса - 5,49 % аз ММД ва Олмон - 4,95 % ММД дар сатҳи баланд қарор доранд (ниг.: ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. - Хароҷоти давлатӣ барои таҳсилоти олӣ дар соли 2020, бо фоиз нисбат ба ММД***

| Давлатҳо | Хароҷоти давлатӣ барои таҳсилоти олӣ, % нисбат ба ММД |
|---|---|
| Австралия | 5,23 |
| Австрия | 5,50 |
| Олмон | 4,95 |
| Канада | 5,28 |
| Зеландияи нав | 6,34 |
| Британияи Кабир | 5,73 |
| ИМА | 5,38 |
| Финляндия | 7,17 |
| Фаронса | 5,49 |
| Шветсия | 7,68 |

****Источник:*** Government expenditure on education as% of GDP // The World Bank. URL: https: //data. worldbank. org/indicator /SE.XPD.TOTL.GD.ZS?end=2016&start=1997

Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки шумораи донишҷӯёне, ки хориҷ аз мамлакат таҳсил менамоянд, зиёда аз 2 млн. нафарро ташкил медиҳанд. Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф гурӯҳбандии мамлакатҳои ҷаҳон аз рӯйи шумораи донишҷӯёни хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Фаронса, Австралия, Русия, Ҷопон, Испания, Канада ва Белгия дар даддабандӣ бо ҷалби донишҷуёни хориҷӣ дар ҷумлаи даҳгонаи аввал қарор доранд. Ба андешаи муаллиф, ташкили фаъолияти пурсамари макотиби олӣ дар давоми марҳилаи дарози таърихӣ омили асосии муваффақияти давлатҳои зикргардида дар самти ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад. Муқоисаи кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф аз рӯйи нишондиҳандаи хароҷот ба таҳсилоти олӣ нишон дод, ки агар гурӯҳи аввали давлатҳои зикргардида ба рушди низоми маориф маблағи назаррас ҷудо карда шавад, дар гурӯҳи дуюм маблағи нокифоя дар самти рушди маориф харҷ мегардад (қариб 3%- и ММД).

Ба ақидаи муаллиф байналмилилашавии таҳсилот яке аз ҷузъҳои муҳими сиёсати таҳсилоти кишварҳои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд шуда истодааст. Мувофиқи маълумоти ин ташкилот ва ЮНЕСКО, дар соли 2019

миқдори донишҷӯёни берун аз кишвари худ дар минтақаи ОЭСР ва кишварҳои шарики он таҳсилкарда 1,9 миллион нафарро ташкил дод, ки ин 15% зиёдтар аз таҳарруки умумии донишҷӯён нисбат ба солҳои қаблӣ мебошад. Бо ҳисоби фоизи донишҷӯёни хориҷӣ аз шумораи умумии таълимгирандагон кишварҳое, чун Австралия (17,7 %) ва Швейтсария (17,0 %) пешсафанд (ниг.: ҷадв. 3).

**Ҷадвали 3. - Тақсимоти донишҷӯёни хориҷӣ дар макотиби олӣ аз рӯйи кишварҳо дар соли 2019***

| Кишвари омӯзиш | Шумораи донишҷӯёни хориҷӣ | Фоизи донишҷӯёни хориҷӣ аз қайди умумӣ |
|---|---|---|
| ИМА | 582 996 | 3,7 |
| Бритониёи Кабир | 225 722 | 10,1 |
| Олмон | 219 039 | 10,1 |
| Фаронса | 147 402 | 10,0 |
| Австралия | 120 987 | 17,7 |
| Ҷопон | 74 892 | 1,9 |
| Россия | 70 735 | 0,9 |
| Испания | 44 860 | 2,4 |
| Канада | 40 033 | 3 |
| Бельгия | 38 150 | 11,0 |
| Австрия | 31 682 | 12,7 |
| Италия | 29 228 | 1,5 |
| Шветсия | 28 664 | 7,5 |
| Швейтсария | 27 765 | 17,0 |
| **Ҳамагӣ** | **1 993 966 нафар** | |

***Сарчашма:*** Educational Services Global Market Report 2022 – Market Size, Trends, and Global Forecast 2022-2026. October 2022. - 400 p.

Дар диссертатсия афзалиятҳои геополитикӣ, моддӣ-молиявӣ ва стратегии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ таъкид гаштаанд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда муаллиф коркарди барномаҳои васеи ҳамоҳангшудаи соҳаи таҳкими байналмилашавии таҳсилоти олӣ дар мамлакатро зарур мешуморад. Дар баробари ин дар кишвар коркардшавии стратегия рушди содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба хориҷа вобаста ба манфиатҳои миллии кишвар хавфи камшавии миқдори довталабони муассисаҳои олии мамлакат ва ҳиҷрати сармояи зиёд ба муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷиро коҳиш медиҳад.

**Дар боби 2 “Вазъи муосир ва тамоюли байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** хусусиятҳои умумии рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, динамикаи тағйирёбии андозаи савдои берунаи хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили нишондиҳандаҳои умумии рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ, динамикаи афзоиши қабул ва хатми донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва таносуби таҳсил дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона анҷом дода шудааст (ниг.: ба ҷадв. 4).

**Ҷадвали 4. - Қабул ва хатми донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз рӯйи намудҳои таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (нафар)***

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Донишҷӯёни ба муассисаҳои олию миёнаи касбӣ қабулшуда | 31443 | 38540 | 42693 | 46558 | 51424 | 60389 | 61941 | 51856 | 163,55 |
| Рӯзона | 26492 | 31186 | 36025 | 37906 | 40801 | 43444 | 50181 | 41451 | 156,47 |
| Ғоибона | 4951 | 7354 | 6668 | 8652 | 10623 | 16945 | 11760 | 10405 | 210,16 |
| Донишҷӯёни муассисаҳои олию миёнаи касбиро хатмнамуда | 30202 | 29504 | 33153 | 38465 | 44606 | 43166 | 42395 | 53627 | 177,56 |
| Рузона | 20351 | 20337 | 22581 | 25999 | 27308 | 28628 | 27736 | 31274 | 153,67 |
| Ғоибона | 9851 | 4346 | 4937 | 12466 | 17298 | 14538 | 14659 | 22353 | 226,91 |

***Сарчашма:** Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (чопи расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2022. - С. 69–70.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки аз соли 2014 то 2021 ҳиссаи донишҷӯёни ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул шуда 63,55% афзун гардидаст. Агар дар соли 2014 он 31443 нафарро ташкил медод, пас дар соли 2021 ба 51424 нафар расидааст. Зиёдшавии шумораи донишҷӯёни қабулшуда дар шуъбаҳои рӯзона 56,47% -ро ташкил медиҳад. Авҷи афзоиши донишҷӯёни ғоибона ба соли таҳсили 2017/2018 рост меояд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бо тағйир ёфтани шаклҳои таҳсил, дар рафти хониш шумораи донишҷӯёни ғоибона меафзояд. Масалан, агар соли 2014 шуъбаи ғоибонаро 9851 донишҷӯён хатм карда бошанд, пас дар соли 2021 ин рақам ба 22353 расида, 226,9 банди фоиз зиёд шуд. Коҳиши контингенти донишҷӯёни шакли рӯзона дар муассисаҳои олӣ пеш аз ҳама ба вазъи молиявии волидайни онҳо ва ба хоҳиши ҳамзамон бо таълим ба кор машғул шудани донишҷӯён вобаста аст. Шумораи донишҷӯёне, ки дар шуъбаҳои ғоибона таҳсил менамоянд, ба рафти таҷдиди истеҳсолот, азнавтахассусноксозии кормандон ва ба номгӯйи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо таҳсили онҳо дар шуъбаи ғоибона иҷозат дода мешавад, вобаста аст. Миқдори донишҷӯён дар шӯъбаҳои ғоибона ба и ғоибона дар шумораи умумии донишҷӯён аз ихтисос ва самти омодасозӣ вобаста аст.

Инчунин дар диссертатсия аз тарафи муаллиф таҳлили муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар минтақаҳо гузаронида шудааст. Таҳлили дар рисола гузаронидашуда нишон дод, ки дар замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба байналмилалигардонии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ на танҳо аз тарафи худи ин муассисаҳо, балки аз ҷониби вазорату идораҳое, ки ба пешбурди сиёсати маориф ва ҳавасмандгардонии савдои хориҷӣ ваколатдор шудаанд, афзалияти махсус махсус дода мешавад. Шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар донишгоҳҳои кишвар ҳамчун нишондиҳандаи муҳим барои муқаррар намудани рейтинги донишгоҳ ва дараҷаи рақобатпазирии он ба шумор меравад (ниг.: ҷадв. 5).

**Ҷадвали 5 - Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар минтақаҳо***

| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2022 | 2022/2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | **I**** | 38 | 39 | 39 | 39 | 40 | 41 | 107,89 |
| | **II***** | 165304 | 176461 | 186914 | 195657 | 245900 | 239539 | 144,91 |
| ВМКБ | **I** | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 200,00 |
| | **II** | 4250 | 4509 | 4712 | 4765 | 4069 | 3731 | 87,79 |
| Вилояти хатлон | **I** | 5 | 5 | 6 | 6 | 6 | 6 | 120,00 |
| | **II** | 26222 | 28330 | 29453 | 32979 | 49656 | 50031 | 190,80 |
| Вилояти Суғд | **I** | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 100,00 |
| | **II** | 34166 | 37881 | 40657 | 40046 | 48379 | 47686 | 139,57 |
| ш. Душанбе | **I** | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 25 | 104,17 |
| | **II** | 99005 | 103561 | 109894 | 115042 | 139919 | 134576 | 135,93 |
| НТҶ | **I** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,00 |
| | **II** | 1,7 | 2,2 | 2198 | 2825 | 3877 | 3515 | 206 мар |

***Сарчашма**: Омори солонаи ҶумҳурииТоҷикистон (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон. – Душанбе: 2020. - С. 58.

****I** - адади муассисаҳо, воҳид; *****II** - донишҷӯёни он муассисаҳо, нафар.

Аз тарафи Вазорати маориф ва илми мамлакат дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати пурзӯр намудани раванди байнулмилалигардонидани фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ тавассути гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ ва ташкили чорабиниҳои маркетингӣ ва намоишӣ дар хориҷа вазифаҳои мушаххас гузошта шудааст. Дар баробари ин дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки дурнамои рушди содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба сифати ташкили чунин хизматрасониҳо дар донишгоҳҳои кишвар ва мутобиқатии маҳорати касбии хатмкунандагон ба талаботи бозори муосири меҳнат вобаста аст.

Омӯзиши сохтори тиҷорати хориҷии хизматрасонии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки сарфи назар аз коҳиши ҳаҷми умумии содироти хизматрасонии байналмилалӣ, содироти хизматрасонӣ ба соҳаи маориф дар 7 соли охир хеле афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2004 содироти хизматрасонии таълимӣ ҳамагӣ 65,0 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 ба 4776,7 ҳазор доллари ИМА расид. Афзоиши ин нишондод дар ин давра 73,48 маротибаро ташкил дод.

Ҳаҷми асосии содироти хизматрасониҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ дур рост меояд (82,27 % дар соли 2020) Барои кишварҳои ИДМ арзиши нишондиҳандаи мазкур ночиз аст (7,72 % дар соли 2020). Дар соли 2020 нишондиҳандаи умумии воридоти хизматрасониҳо дар соҳаи маориф 133319,2 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод ва 6,3 фоиз кам шуд. Ба давлатҳои хориҷи дур 82,94 %-и воридоти хизматрасониҳо дар соҳаи маориф рост меояд. Коҳиши ҳаҷми воридоти хизматрасониҳо дар соҳаи маориф дар соли 2020 асосан ба паҳншавии беморории сирояти коронавирус дар сатҳи хоҷагии ҷаҳонӣ ва татбиқи чораҳои маҳдудкунанда дар самти ҳаракати шахсони воқеӣ байни кишварҳо вобаста аст. Ҳисссаи тиҷорати хориҷии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар гардиши умумии савдои хориҷии хизматрасониҳои байналхалқӣ 4,2 фоизро ташкил медиҳад (ниг.: ҷадв. 6).

**Ҷадвали 6. - Динамикаи тағйироти содирот ва воридоти хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор доллари ИМА***

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Содироти умумӣ** | 309500,8 | 252390,5 | 231825,0 | 252000,5 | 242233,9 | 242358,3 | 138533,1 | 44,76 |
| **Хизматрасониҳо дар соҳаи маориф** | 65,0 | 82,6 | 66,9 | 3385,6 | 3613,9 | 8446,8 | 4776,7 | 7348,77 |
| **Кишварҳои ИДМ** | 23,3 | 29,0 | 24,6 | 250,3 | 531,4 | 856,6 | 846,6 | 3633,48 |
| **Дигар давлатҳо** | 41,8 | 53,6 | 42,3 | 3135,3 | 3082,5 | **3990,2** | **3930,1** | 9402,15 |
| **Воридот, дар умум** | 196421,4 | 180426,9 | 136464,3 | 122232,3 | 213770,7 | **203019,9** | **133319,2** | 67,87 |
| **Воридоти хизматрасониҳо дар соҳаи маориф** | 1168,9 | 935,0 | 1145,4 | 1339,6 | 6319,9 | 2463,3 | 1095,3 | 93,70 |
| **Кишварҳои ИДМ** | 39,0 | 47,2 | 97,4 | 199,6 | 638,9 | 246,3 | 186,8 | 478,97 |
| **Дигар давлатҳо** | 1129,9 | 887,8 | 1048,0 | 1140,0 | 5681,2 | 2217,0 | 908,5 | 80,41 |

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон. – Душанбе: 2021. - С. 389.

Соли 2020 шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15334 нафарро ташкил дод. Дар сохтори ҷуғрофии содироти хизматрасониҳо дар соҳаи маориф ҳиссаи бештар ба Узбакистон, Туркманистон, Афғонистон ва Қирғизистон рост меояд. Дар баробари ин кишварҳо донишҷӯёни 18 кишвари дигари ҷаҳон дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, ки дар байни онҳо донишҷӯёни кишварҳои пешрафта, аз қабили ИМА, Исроил, Канада, Олмон ва ғайра низ ҳастанд.

Таҳлили дар диссертатсия гузаронидашуда нишон дод, ки бозори хизматрасониҳои таҳсилоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир ба унсури муҳими иқтисодиёт мубаддал гардида ҳамчун қисми муҳими бозори минтақавии хизматрасониҳои таҳсилотӣ бароманд менамояд. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба раванди таҳсилот имконият фароҳам овард, ки фазои тасилотӣ озод карда шуда, раванди ҳамгирой ба бозори ҷаҳонии таҳсилот таҳким бахшида шавад. Аз нуқтаи назари муаллиф ҳамгироии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ҷаҳонии таҳсилот метавонад бозори хизматрассониҳои таҳсилотро ба соҳаи муҳими иқтисодиёти мамлакат мубаддал гардонад.

Таҳлили маводҳои соли 2022 дар диссертатсия гузаронидашуда нишон додааст, ки аксарияти донишҷӯёни хориҷӣ дар ихтисосҳои омӯзгорӣ ва тиббӣ таҳсил мекунанд (ниг.: ба ҷадв. 7).

**Ҷадвали 7. - Миқдори донишҷӯёни хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022***

| Муассисаи тасхсилоти олии касби | Туркманистон | Қазоқистон | Қирғизистон | Ӯзбекистон | Афғонистон | Озарбойҷон | Арманистон | Манголия | Покистон | Эрон | Хитой | Ҳиндустон | Россия | дигар давлатҳо | ҶАМЪ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 5 | 12 | 6 | 646 | 164 | | | | 3 | 1 | 19 | 1 | 7 | 23 | 887 |
| Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон | 1723 | 14 | 5 | 3276 | 21 | | | | | | | | | 7 | 5046 |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон | 18 | 2 | 3 | 550 | 31 | | | | | | | | | 1 | 605 |
| Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон | 1 | 2 | 2 | 242 | 14 | | | | | | | | | 0 | 261 |
| Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон | 16 | 32 | 22 | 106 | 57 | 3 | 1 | | 1 | 1 | | 1287 | 26 | 4 | 1556 |
| Донишгоҳи славянии Россия -Тоҷикистон | 106 | 3 | 2 | 279 | 3 | 3 | | 1 | | | 35 | | 129 | 10 | 571 |
| Донишгоҳи давлатиити ҷорати Тоҷикистон | | | | 104 | 38 | 1 | | | | | | | 1 | 0 | 144 |
| Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 1 | 3 | 1 | 78 | 7 | | | | | | 2 | | | 0 | 92 |
| Донишгоҳи давлатии Кӯлоб | 2 | | | 12 | 3 | | | | | | | | | 0 | 17 |
| Донишгоҳи давлатии Бохтар | 84 | | | 142 | 2 | | | | | | | | | 0 | 228 |
| Донишгоҳи давлатии Данғара | 40 | | | 60 | 3 | | | | | | | | 1 | 0 | 104 |
| Донишгоҳи давлатии Хуҷанд | 4 | 28 | 66 | 2502 | 2 | | | | | | | | | 2 | 2604 |
| Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | 2 | | | 330 | | | | | | | | | | 0 | 332 |
| Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон | 143 | | 2 | 676 | 2 | | | | | | | | | 0 | 823 |
| Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 16 | 3 | 1 | 792 | 5 | | | | | | | | 3 | 0 | 820 |
| Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат | | | | 168 | 2 | | | | | | | | | 1 | 171 |
| Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода | 1 | | 2 | 78 | 3 | | | | | | | | | 0 | 84 |
| Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон | | | | 331 | | | | | | | | | | 0 | 331 |
| Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент | | | | 459 | | | | | | | | | | 0 | 459 |
| Дигар донишгоҳҳо | | 4 | 6 | 142 | 6 | | | | 1 | 1 | | 1 | 17 | 41 | 199 |
| **ҶАМЪ** | 2162 | 103 | 118 | 10975 | 376 | 7 | 1 | 1 | 5 | 3 | 58 | 1289 | 184 | 52 | **15334** |

****Сарчашма:*** сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2022.

Ҳамзамон дар диссертатсия аз тарафи муаллиф динамикаи тағйирёбии шумораи донишҷӯёни тоҷик, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд таҳлил гардидааст (ниг.: ҷадв. 8).

**Ҷадвали 8. - Шумораи донишҷӯёни Тоҷикистон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд (2019 – 2022)***

| Кишвар | 2019 | 2022 | 2022/2019 |
|---|---|---|---|
| **Федератсияи Россия** | 24604 | 31981 | 129,98 |
| **Ҷумҳурии Халқии Хитой** | 4075 | 4251 | 104,32 |
| **Ҷумҳурии Беларус** | 1151 | 1471 | 127,80 |
| **Ҷумҳурии Қазоқистон** | 959 | 980 | 102,19 |
| **Ҷумҳурии Қирғизистон** | 698 | 273 | 39,11 |
| **ИМА** | 321 | 276 | 85,98 |
| **Украина** | 220 | 101 | 45,91 |
| **Ҷумҳурии Полша** | 293 | 294 | 100,34 |
| **Ҷумҳурии Туркия** | 283 | 745 | 263,25 |
| **Ҷумҳурии Малайзия** | 84 | 167 | 198,81 |
| **Ҷумҳурии Корея** | 125 | 162 | 129,60 |
| **Ҷумҳурии Федеративии Олмон** | 172 | 176 | 102,33 |
| **Ҷумҳурии Исломии Эрон** | 61 | 4 | 6,56 |
| **Ҷумҳурии Ҷопон** | 71 | 54 | 76,06 |
| **Ҷумҳурии Литва** | 79 | 34 | 43,04 |
| **Ҷумурии Индонезия** | 69 | 16 | 23,19 |
| **Кипр** | 56 | 37 | 66,07 |
| **Ҷумҳурии Чехия** | 16 | 46 | 287,50 |
| **Ҷумҳурии Туркманистон** | 39 | 6 | 15,38 |
| **Ҷумҳурии Узбекистон** | 54 | 84 | 155,56 |
| **Давлати Қувайт** | 16 | 48 | 300,00 |
| **Аморати муттаҳидаи Араб** | 35 | 34 | 97,14 |
| **Ҷумҳурии Озорбойҷон** | 21 | 19 | 90,48 |
| **Канада** | 15 | 17 | 113,33 |
| **Ҷумҳурии Латвия** | 39 | 34 | 87,18 |
| **Ҷумҳурии Италия** | 43 | 39 | 90,70 |
| **Ҷумҳурии Австрия** | 30 | 17 | 56,67 |
| **Ҷумҳурии Фаронса** | 7 | 9 | 128,57 |
| **Давлати Қатар** | 6 | 74 | 1233,33 |
| **Британияи Кабир** | 12 | 31 | 258,33 |
| **Дигар кишварҳои Аврупо Венгрия,** | 264 | 34 | 12,88 |
| **Дар маҷмуъ** | 34065 | 41528 | 121,91 |

***Сарчашма:*** таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Дар боби 3 “Самтҳои стратегии байналмилалишавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** самтҳои асосии байналмилалашавии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои таҳсилотӣ пешниҳод ва механизми иқтисодӣ-ташкилии дастгирии давлатии раванди байналмилалишавии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон зимни содирсозии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба хориҷа таҳия карда шудааст.

Ба ақидаи муаллиф, мушкилоти интегратсияи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти байналмилалӣ бештар бо қобилияти риояи меъёрҳо ё стандартҳои дар ҷаҳон ташаккулёфта муайян карда мешавад. Ин боз ҳам барои он муҳим аст, ки макотиби олии ватанӣ аз рӯйи бисёр меъёрҳо аз ҳамтоҳои хориҷии худ ақиб мондаанд. Ҳамзамон, дар сатҳи маъмурикунонии раванди таҳсилот ва мазмуни сифати он дар кишварҳои ИДМ як қатор монеаҳое мавҷуданд, ки дараҷаи таҳаррук ва имкониятҳои рушди захираҳои инсониро коҳиш медиҳанд. Ҳамин тариқ, зарурати ислоҳоти низоми илм ва маориф дар маҷмуъ дар кишварҳои ИДМ барои фароҳам овардани фазои ягонаи илмӣ ва таҳсилотӣ ба миён омадааст.

Дар диссертатсия самтҳои асосии байналмилалишавии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат пешниҳод карда шудааст (ниг.: расми 1).




**Расми 1. - Сатҳҳои асосии байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

****Сарчашма:*** таҳияи муаллиф

Дар асоси таҳлили дар диссертатсия гузаронидашуда муаллиф чунин самтҳои асосии байналмилалишивии бозори хизматрасониҳои таҳсилотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

1. Рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи содироти хизматрасониҳои таҳсилотӣ.
2. Вусъатдиҳии ҳиҷрати академии субъектҳои раванди таҳсилот
3. Рушди франчайзинги таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. Модернизатсиякунонии усулҳои педагогӣ ва таҳияи усулҳои нав дар таҳсилот;
5. Фаъолгардонии иштироки муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар озмунҳо ва лоиҳаҳои байналмилалии таҳқиқотӣ.
6. Рушди маблағгузории фаъолияти байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои баромадан ба бозори хориҷӣ;
7. Коркарди стратегияи байналмилалишавии фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тақвияти чараёни пайвастани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди Болония.

Дар диссертатсия бо мақсади баҳодиҳии вазъи рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва муайян намудани самтҳои ояндадори фаъолияти онҳо "шохиси сатҳи таҳсилот" ҳамчун нишондиҳандаи муҳими ифолакунандаи ҳолати таҳсилот дар мамлакат арзёбӣ карда мешавад (ниг.: ҷадв. 9).

**Ҷадвали 9. - Рейтинги давлатҳои ҷаҳон аз рӯйи шохиси сатҳи таҳсилот, соли 2020***

| | Давлатҳои хориҷаи дур | | | Давлатҳои собиқ СССР | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| № | Давлатҳо | Қимати шохис | Харочот, % аз ММД | № | Давлатҳо | Қимати шохис | Харочот, % аз ММД |
| 1 | Олмон | 0.943 | 4,6 | 26 | Гурҷистон | 0.862 | 3,2 |
| 2 | Норвегия | 0.930 | 7,3 | 32 | Белоруссия | 0.838 | 4,5 |
| 3 | Британияи Кабир | 0.928 | 5,6 | 39 | Россия | 0.823 | 4,1 |
| 4 | Финляндия | 0.927 | 6.8 | 47 | Украина | 0.799 | 5,3 |
| 5 | Исландия | 0.926 | 7.8 | 64 | Армения | 0.740 | 3,2 |
| 6 | Зеландияи Нав | 0.926 | 7.2 | 70 | Қирғизистон | 0.730 | 6,2 |
| 7 | Австралия | 0.924 | 5.1 | 71 | Ӯзбекистон | 0.729 | |
| 8 | Ирландия | 0.922 | 5.7 | 80 | Озорбойҷон | 0.711 | 3,2 |
| 9 | Дания | 0.920 | 8.7 | 82 | Молдова | 0.711 | 9,1 |
| 10 | Шветсия | 0.918 | 7.3 | 96 | Тоҷикистон | 0.682 | 4,0 |
| 11 | Нидерланд | 0.914 | 5.9 | 111 | Туркманистон | 0.653 | |

***Сарчашма***: https://gtmarket.ru/ratings/education-index

Таҳлили арзиши шохиси сатҳи таҳсилот барои давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки Олмон, Норвегия, Британияи Кабир кишварҳое ҳастанд, ки дар сегонаи пешсафони дунё дар соҳаи маориф қарор доранд. Кишварҳое, ки дар ин соҳа бартарии рақобат доранд, асосан кишварҳои пешрафтаи саноатӣ ва як қатор кишварҳои нави индустриалӣ мебошанд. Дар байни кишварҳои собиқ Шуравӣ, шохиси сатҳи таҳсилот дар соли 2020 барои Гурҷистон, Белоруссия ва Федератсияи Русия нисбатан баландтар аст. Дар байни кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи ин нишондод Гурҷистон бо қиммати 0,862 воҳид дар ҷои 26-ум, Ҷумҳурии Белоруссия бо қиммати 0,838 дар ҷои 32-юм ва Россия бо қиммати 0,823 дар ҷои

